# ШАРТНОМАИ № _____

ш. Душанбе «___» ___ с. 2018

Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази мутобиқати электромагнитӣ ва радиомониторинг»-и Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъдан «Иҷрокунанда» номида мешавад, дар шахсияти Директори он, Давлатов Н.Ҷ., ки дар асоси Оиннома амал мекунад, аз як тараф ва Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «_______» дар шахсияти Директори он, ________, ки баъдан «Фармоишгар» номида мешавад, ки дар асоси Оиннома амал мекунад, аз ҷониби дигар, ки минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд, ҳамин Шартномаро дар мавзӯи зерин ба имзо расониданд:

## 1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1.Иҷрокунанда ба мақсади ба меъёрҳои техникии Стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои Байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат намудани воситаҳои алоқаро (баъдан «Таҷҳизот») тасдиқ кардан, онҳоро аз озмоиш мегузаронад.

1.2.Номгӯй ва теъдоди таҷҳизоте, ки аз тарафи «Фармоишгар» пешниҳод мешавад, мӯҳлати корҳои озмоишӣ бо мувофиқаи «Тарафҳо» гузаронида мешаванд ва дар Санади корҳои иҷрошуда дарҷ мегарданд.

1.3. Баъд аз иҷрои корҳои озмоишӣ ба «Фармоишгар» Протоколи озмоишӣ дода мешавад.

## 2. ШАРТҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ КОРҲОИ ОЗМОИШӢ

2.1. Мундариҷа, ҳаҷм ва шаклҳои иҷрои корҳои озмоишӣ аз тарафи «Иҷрокунанда» дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаронидани воситаҳои техникии алоқаи озмудашавандаро ба танзим медарорад мутобиқи банди 1.1. муайян менамояд.

2.2. Дар мавриди гузаронидани озмоишоти лабораторӣ маълум гардад, ки натиҷаи озмоиш ба меъёрҳои техникии ГОСТ(стандарти давлатӣ) мувофиқат накардаанд, «Тарафҳо» мӯҳлати гузаронидани корҳои иловагиро бо ҳам мувофиқа менамоянд, баъди аз ҷониби «Фармоишгар» гузаронидани корҳои ислоҳӣ, мӯҳлати нави гузаронидани корҳои озмоиширо таъин мекунанд ва онҳоро дар Замимаи иловагӣ ба ҳамин Шартнома ба расмият медароранд.

2.3.Дархости «Фармоишгар» барои гузаронидани озмоиши лабораторӣи такрорӣ бо пардохти минбаъда гузаронида мешавад.

## 3. ӮҲДАДОРӢ ВА ҲУҚУҚҲОИ ФАРМОИШГАР

### 3.1. Ӯҳдадориҳои «Фармоишгар»:

3.1.1. Талаботи асноди меъёриро барои таҷҳизот, технологияи истифодабарӣ риоя намояд.

3.1.2. Ба «Иҷрокунанда» тавсифоти техникии таҷҳизоти озмудашавандаро пешниҳод намояд.

3.1.3. Бо дархости «Иҷрокунанда» бо роҳбарият дастуроти дуруст (настройка), бастабандии озмоишоти таҷҳизот шинос намояд.

3.1.4. Намояндагони Иҷрокунандаро бо намунаҳои таҷҳизоти озмудашаванда таъмин намояд ё дастрасии онҳоро ба намунаҳои воситаҳои алоқа таъмин намояд.

3.1.5. Барои гузаронидани корҳои озмоишӣ мутобиқи меъерҳои техникии ГОСТ-ҳо доир ба озмоишҳо, баррасии шикоятҳо, аз ҷумла барои санҷиши ҳуҷҷатҳо ва таъмини дастрасии кормандони «Иҷрокунандаро» ба ҳамаи қитъаҳо ҳамагуна шароит фароҳам оварад.

3.1.6. Барои гузаронидани озмоиш ва ба расмиятдарории протоколҳои озмоиши лабораторӣ хароҷотҳои «Иҷрокунандаро» тибқи ҳисоб-фактураҳои пешниҳод гашта, пардохт намояд.

3.1.7. «Фармоишгар» ӯҳдадор аст, ки дар вақти гузаронидани озмоиши лабораторӣ аз тарафи «Иҷрокунанда», иштироки мутахассиси дахлдорро таъмин намояд.

### 3.2. Ҳуқуқҳои «Фармоишгар»:

3.2.1. Ҳангоми гирифтани натиҷаҳои ба меъёрҳои техникӣ мувофиқатнашаванда ва гузаронидани тадбирҳои ислоҳӣ, «Фармоишгар» ҳуқуқ дорад барои гузаронидани озмоишоти лабораторӣи такрорӣ ба «Иҷрокунанда» такроран муроҷиат намояд.

3.2.2. «Фармоишгар» ҳуқуқ дорад дар вақти гузаронидани озмоишоти лабораторӣ иштирок намояд.

3.2.3. «Фармоишгар» ҳуқуқ дорад нисбати гузаронидани корҳо аз тарафи «Иҷрокунанда» маълумот гирад.

## 4.ӮҲДАДОРӢ ВА ҲУҚУҚҲОИ ИҶРОКУНАНДА

**4.1. Уҳдадориҳои «Иҷрокунанда»:**

4.1.1. Аз рӯи натиҷаҳои озмоиши лабораторӣ таҷҳизот Протоколҳои озмоиширо ба «Фармоишгар» бо шакли муқарраршуда ва сари вақт диҳад.

4.1.2. «Иҷрокунанда» Протоколҳои озмоиши техникиро баъди аз ҷониби «Фармоишгар» мутобиқи ҳисоб-фактураи пешниҳодшуда пардохтани арзиши корҳои иҷрошударо месупорад.

4.1.3. «Иҷрокунанда» барои бе осеб нигоҳ доштани озмоишҳои намунаи маснуоти «Фармоишгар» ҷавобгарӣ мебарад.

**4.2. Ҳуқуқҳои «Иҷрокунанда»:**

4.2.1. «Иҷрокунанда» тартиб ва методи ташкили корро оид ба озмоишоти лаборатории техникии воситаҳои алоқа, мутобиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии ГОСТ муқаррар менамояд.

4.2.2. «Иҷрокунанда» ҳуқуқ дорад, оид ба таҷҳизоти озмоишшуда ҳуҷҷатҳои зарурии техникиро аз «Фармоишгар» талаб намояд.

## 5. ТАРТИБИ ТАҲВИЛУ ҚАБУЛИ КОРҲО

5.1. Баъди ба анҷомрасии корҳои дар банди 2 ҳамин Шартнома номбаршуда, «Иҷрокунанда» ба «Фармоишгар» санади таҳвилу қабули корҳои иҷрошударо дар ду нусха пешниҳод менамояд.

5.2. «Фармоишгар» баъди гирифтани санади таҳвилу қабули корҳои иҷрошуда ба «Иҷрокунанда» як нусха санади таҳвилу қабули имзонамударо баргардонида, аз рӯи ҳисоб-фактураи «Иҷрокунанда» маблағи иҷрои корҳоро пардохт менамояд.

## 6.АРЗИШИ КОРҲО ВА ТАРТИБИ ҲИСОБУ КИТОБ

6.1. Арзиши корҳо мутобиқи Нархномаи №125-ТАД-9МС амалкунандаи бо тартиби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбининамуда бо назардошти андоз аз арзиши иловашуда ҳисоб карда мешавад.

6.2. Арзиши корҳо на дертар аз 10 рӯзи бонкӣ баъд аз ҷониби ҳарду тараф имзо кардани санади таҳвилу қабули корҳои иҷрошуда пардохта мешавад.

6.3. Барои сари вақт напардохтани ҳисобномаҳо-фактураҳо, «Фармоишгар» ба андозаи 0,01 % аз маблағи дар ҳисоб-фактураҳо нишондода барои ҳар як рӯзи таъхир аз мӯҳлати дар банди 6.2. ҳамин шартнома нишондодашуда ҷаримапулӣ (пеня) месупорад.

## 7. ҲАЛЛИ БАҲСҲО

7.1. Барои ҳаллу фасли ҳаргуна баҳсҳо дар давраи амали ҳамин Шартнома «Фармоишгар» ва «Иҷрокунанда» намояндагони масъули худро таъин менамоянд.

7.2. «Тарафҳо» ҳамагуна масъалаҳои баҳснокро, ки дар вақти иҷрои ҳамин шартнома ба миён меоянд, бо роҳи гуфтушунид ҳаллу фасл менамоянд.

7.3. Дар мавридҳое, ки агар тарафҳо бо роҳи гуфтушунид ба мувофиқа наоянд, баҳсҳо бояд ба тартиби иддао ва аризаҳои даъвогӣ ҳаллу фасл карда шаванд, баҳсҳо дар судҳои ҷои ҷойгиршавии Даъвогар бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

7.4. «Тарафҳо» риоя намудани иттилооти махфиро, ки ҳангоми тамоси байниҳамдигарӣ гирифтаанду он сирри тиҷоратӣ ҳисоб меёбад, кафолат медиҳанд. Маводи ба ҳамдигар додашавандаро нусхабардорӣ намудан ва ба шахсони сеюм додан манъ аст.

## 8. ШАРТҲОИ ДИГАР

8.1. Ҳаргуна тағйироту иловаҳо ба ҳамин шартнома ба шакли Замима, ки аз ҷониби «Тарафҳо» имзо шудаанду онҳо қисми таркибии ҳамин Шартнома ҳисоб меёбанд ба расмият дароварда шуда, аз лаҳзаи имзои он ба қувваи амал медароянд.

8.2 «Иҷрокунанда» таҷҳизоти радиоии «Истифодабарандаро» таъмир ва роҳандозӣ намекунад.

8.3. Дар мавриди тағйир ёфтани суроға ва реквизитҳои бонкии дар Шартнома нишондодашуда, барҳамхурӣ, азнавсозӣ ё шакли дигар гирифтан тарафҳо вазифадоранд, ки дар мӯҳлати 3 рӯз дар ин бора ҳамдигарро хабардор намоянд.

8.4. Шартнома дар 2 нусха, барои ҳар як Тараф 1 нусхагӣ тартиб дода шудааст. Ҳарду нусха қувваи якхелаи ҳуқуқӣ доранд.

## 9. МӮҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

9.1. Шартномаи мазкур аз лаҳзаи аз ҷониби «Иҷрокунанда» ва «Истифодабаранда» ба имзо расонида шуданаш қувваи амал пайдо карда, дар давоми 12 (дувоздаҳ) моҳ аз рӯзи имзо амал менамояд.

9.2. Дар мавриди ҳеҷ яке аз Тарафҳо то охири мӯҳлати ҳамин шартнома оиди қатъ намудани он арз нанамоянд, шартнома ба мӯҳлати нишондодашудаи зербанди 9.1. шартнома тамдидшуда ҳисобида мешавад.

## 10. СУРОҒАИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲО ВА РЕКВИЗИТҲОИ ТАРАФҲО

**«Иҷрокунанда»:** Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази мутобиқати электромагнитӣ ва радиомониторинг» 734025 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 57.
Сурат хисоб. 20202972010301000850 КИБ 310101369 Филиали ҶСК «Ориёнбонк» ноҳияи И.Сомонӣ, ш. Душанбе.
РМА 020023757, № сертификат U02 000516, Ҳ/К. 20402972413691

**«Фармоишгар» :** Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «_________», ш. Душанбе, к.__________, _____
Сурат хисоб. __________________ дар ҶСК "____________ " ш. Душанбе
БИК ________________
Ҳ/К: _________________
РМА __________________

| Иҷрокунанда: | Фармоишгар: |
|---|---|
| Директори КВД «ММЭМР» | Директори ҶДММ «___________» |
| ________________ _______________ | _______________ _____________ |
| Ҷ.М. (имзо) | Ҷ.М. (имзо) |